Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна дар мавзуи « Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат.**

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми таркибии захираҳои инсонӣ, яке аз омилҳои таъмини рушди иқтисодӣ ва пешрафти ҷамъият ба ҳисоб меравад. Ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ҷараёни мақсаднокро ифода карда, дар он сифат ва қобилияти меҳнатии коргарон барои ноил гаштан ба мақсадҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои мухталиф, минтақаҳо ва корхонаҳо амалӣ карда мешавад. Оид ба омодакунӣ ва азнавтайёркунии захираҳои меҳнатӣ, инкишофи касбии иқтидори меҳнатиро мутобиқи эҳтиёҷотҳои иқтисодиёти миллӣ қайд намуда, барои баҳодиҳии вазъи ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ, пеш аз ҳама вазъи демографӣ зикр намудан ба маврид аст. Аз таҳлилҳои муаллиф, муайян шудааст, ки шарти асосии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бевосита ба инобат гирифтани хусусиятҳои демографии ташаккулёбии онҳо, таркиби ҷинсӣ, шумораи аҳолӣ, синну сол, тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, урфу одатҳои миллӣ, қувваи корӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ бармеояд.

Бояд зикр намуд, ки муаллиф дар бораи қувваи корӣ дар иқтисодиёт, ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии машғули кор ва хусусиятҳои онҳоро таҳлил намуда, барои пурра намудани он оид ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз таъсири омилҳои гуногун, алалхусус омили демографӣ, ки нақши марказиро иҷро дар ин самт иҷро менамоянд, арзёбӣ гардидааст.

Эътимоднокии дараҷаи диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешниҳод гаштаанд. Инчунин, ҷамъоварию коркарди

маводи васеи воқеӣ ва оморӣ бо мақсади истифодабарӣ, бо назардошти шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мегардад.

Дар баробари оне, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбиро дорост, инчунин камбудиҳо ва нофаҳмиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар автореферат ба таври кофӣ низоми танзими давлатии истифодаи захираҳои меҳнатӣ шарҳу тавзеҳ дода нашудааст?

2. Дар автореферат самтҳои асосии баланд бардоштани самараи захираҳои меҳнатӣ нишон дода шудааст, аммо ин нуқтаҳои назари муаллиф баҳсбарангез аст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар умумавтореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Кармышева Майсара Назруллоевна сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12- Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Тақриздиҳанда:

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
сарходими шуъбаи таҳқиқоти
муқоисавии иқтисодии Институти
иқтисодиёт ва демографияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон — Ҷонмамадов Ш.Б.

Имзои Ш.Ҷонмамадовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Қурбонов Э.

Суроға:

734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44.

Тел/факс (+992 37) 221-67-50, E-mail: info@ied.tj Сайт: www. ied.tj